Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 94 (4514) | ҶУМЪА, 29 ИЮЛИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**Бисту ҳафтуми июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров суҳбати телефонӣ доир намуданд.**

Дар рафти он сарони ҳар ду давлат муҳимияти пешбурди минбаъдаи маҷмӯи муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистону Қирғизистонро дар маҷрои ҳусни ҳамҷаворӣ ва созандагӣ таъкид карданд. Дар ин зимн, ҷиҳати тақвият бахшидани ин раванд, алалхусус дар ҷанбаҳои мубрами робитаҳои дуҷониба бар асоси саъю талошҳои муштарак, изҳори умед карданд.

Ҷонибҳо оид ба масъалаҳои алоҳидаи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ табодули афкор анҷом доданд.

**www.president.tj**

## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ИГОР ЛЯКИН - ФРОЛОВ



**Бисту ҳафтуми июли соли 2022 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ва сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Игор Лякин-Фролов бо ҳам вохӯрданд.**

Зимни мулоқот масъалаи дар сатҳи баланд ба роҳ мондани ҳамкории гуногунсоҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия таъкид гардида, густариши равобити байнипарлумонии кишварҳо муҳим арзёбӣ шуд.

- Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти аҳамияти рушди муносибатҳои байнидавлатии кишварҳо, минбаъд низ ҷиҳати таҳкими заминаи ҳуқуқӣ тадбирҳои мушаххас меандешад, - изҳор дошт Маҳмадтоир Зокирзода ва афзуд, ки робитаҳои фаъол ва кори муштараки роҳбарон ва вакилони парлумонҳои ҳар ду давлат дар чаҳорчӯбаи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои узви ИДМ сурат мегиранд.

Игор Лякин-Фролов иброз намуд, ки мо ҳамеша хостори муносиботи неку равобити ҳасана бо шарики стратегии кишварамон – Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастем ва талош менамоем, ки равобит бештар тақвият ёбад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,
мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## РОҒУН ДАСТОВАРДИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИСТ



**Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки масъулияти баланд ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, бо вуҷуди мушкилоти молиявию иқтисодӣ, сохтмони НБО «Роғун» оғоз гардид.**

Ҳукумати мамлакат, аз рӯзҳои аввал дар назди мардум ҳадафу ниятҳои некро равшану возеҳ барои ояндаи давлат ва зиндагии шоистаи мардум баён дошта, ҳама захираву имконияти мавҷударо ба бунёди неругоҳ ва фароҳам овардани шароити мусоиди кор барои мутахассисону коргарони он сафарбар намуд.

Таҷдид ва эҳёи Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз ҷумлаи тасмимгириҳои сарнавиштсозе буд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо камоли ҷасорату хирадмандӣ ва бо такя ба ихлосу иродати мардуми Тоҷикистон ба он иқдом намуданд. НБО «Роғун» бузургтарин ва муҳимтарин иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистон ба шумор меравад. Маҳз ба ҳамин хотир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд: НБО «Роғун» ҳаёту мамоти Тоҷикистон аст». Ба фаъолият оғоз кардани он имкон медиҳад, ки боз садҳо гектар замин дар минтақа обёрӣ гардида, имконоти Тоҷикистон доир ба истеҳсол ва содироти неруи арзони барқ ба маротиб боло равад.

Бунёди ин иншооти бузург ба нафъи минтақа аст, зеро кишварҳои ҳамсоя низ метавонанд баъди ба кор оғоз кардани он аз истифодаи неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза баҳравар гарданд.

Зимнан, неруи барқ омили асосии рушду тараққиёти давлат ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи захираи гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷои ҳаштум ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷои якумро ишғол мекунад. Тақрибан 52 фоизи захираҳои гидроэнергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ ба кишвари мо рост меояд. Калонтарин дарёҳои Тоҷикистон, аз ҷумла Панҷ, Вахш, Сирдарё ва Зарафшон, дорои имконияти бузурги тавлиди неруи барқ мебошанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо бунёдкорони НБО «Роғун» рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи энергетикаи кишварро дар зарфи 30 соли соҳибистиқлолӣ таҳлил намуда, чунин ёдовар шуданд: «…Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, ки яке аз манбаъҳои асосии барқароршавандаи энергия ва истеҳсоли «энергияи сабз» ба шумор меравад. Дар кишвари мо 98 фоизи неруи барқ бо истифода аз захираҳои об истеҳсол мегардад ва Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» шашумин мамлакати пешсафи сайёра мебошад. Мо ният дорем, ки ин имкониятҳои азимро дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим на танҳо ба нафъи худ, балки ба манфиати минтақаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ истифода барем. Ба ин хотир ҷиҳати зиёд кардани истеҳсоли неруи барқ ва тавсеаи шабакаҳои интиқоли он то ба имрӯз корҳои назаррасро ба анҷом расонидем. Дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 неругоҳи барқи обии хурду бузург ва як маркази барқу гармидиҳӣ, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмӯъ, 75 фоизи инфрасохтори энергетикии кишвар навсозӣ карда шуд.».

Иқтидори умумии гидроэнергетикии Тоҷикистон 527 млрд. кВт/соат-ро дар як сол ташкил медиҳад, ки нисбат ба талаботи ҳозираи кишварҳои Осиёи Миёна се маротиба зиёд мебошад. Хусусияти муҳими гидроэнергетика дар он аст, ки он энергияи потенсиалии обро истифода намуда, онро ҳамчун захираи масрафшаванда истеъмол намекунад. Ин амал ба ҳаҷм ва сифати табиии об таъсир намерасонад. Ҳар сол 30-35 км$^3$ об тавассути неругоҳҳои барқи обии кишвар гузашта, дар маҷмӯъ 19-20 млрд. кВт/соат неруи барқ истеҳсол карда мешавад, ки ба 3-4 фоизи иқтидори умумӣ баробар мебошад.

Ҳоло иқтидорҳои нави тавлиди неруи барқ, ба монанди неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» (670 МВт), «Сангтӯда-2» (220 МВт), Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе - 2» (400 МВт), «Помир-1» ва неругоҳҳои барқи обии хурд (30 МВт), сохтмони зеристгоҳҳои барқии 500 кВт «Душанбе-500», «Суғд-500», «Дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 500 кВт ва 220 кВт НБО «Норак», «Дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 500 кВт ва 220 кВт дар НБО «Роғун», зеристгоҳҳои барқии 220 кВт «Лолазор», «Хатлон», «Айнӣ», «Шаҳристон», «Шаҳринав», зеристгоҳи барқии «Хоруғ» ва «Помир-1» 110 кВ, хатҳои интиқоли барқи 500 кВ-и «Ҷануб - Шимол», 500 кВ-и «Душанбе - Роғун» хатҳои интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор - Хатлон», «Хуҷанд - Айнӣ» ва «Қайроққум - Ашт» низ барои расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат хизмат мекунанд.

Дар ҳамин ҳол лозим ба таъкид аст, ки марҳилаи муҳим дар таърихи истиқлолияти энергетикӣ оғози фаъолияти агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва оғози бунёди хати баландшиддати CASA-1000 мебошад.

Бо назардошти дастовардҳои зикршуда метавон гуфт, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи энергетикии мамлакат дар замони Истиқлолияти давлатӣ ба комёбиҳои бузург ноил гардида, дар ояндаи наздик бунёди силсилаи неругоҳҳои барқи обӣ дар кишвар идома меёбад.

**Амид КОМИЛБЕК,
ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев**

## ОЁ ШАҲОДАТНОМАИ ТАВАЛЛУД РОЙГОН АСТ?

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» 29 апрели соли 2006 таҳти №188 қабул шудааст. Дар моддаи 1-уми он омадааст:**

«Қонуни мазкур тартиби бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиби тағйир додан, ислоҳ, барқарор ва бекор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиби ташкил намудани китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиб ва муҳлати нигоҳ доштани китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ (китобҳои аснод) ва вазъи ҳуқуқии мақомоте, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ мегиранд, танзим мекунад».

Моддаи 3 «Асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ном дошта, асноди ҳолати шаҳрвандиро шарҳ медиҳад. Мувофиқи банди 1-уми моддаи мазкур, «асноди ҳолати шаҳрвандӣ амали шаҳрванд ё ҳодисаест, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир додан ва қатъ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо гардида, ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандонро муайян менамоянд». Тибқи банди 2, таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар кардани падарӣ, иваз кардани ном, номи падар ва насаб, ворид намудани ислоҳ, тағйирот, илова, барқарор ё бекор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулки шаҳрвандон бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни мазкур ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

Моддаи 4 доир ба бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ маълумот медиҳад. Аз ҷумла, банди 1-уми он мақсади бақайдгирии давлатии асноди шаҳрвандиро «ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон ва ба манфиати давлат ва ҷамъият, аз ҷумла бо мақсади ҷамъ намудани маълумоти оморӣ пурра, дуруст ва саривақтӣ оид ба ҳолати шаҳрвандӣ» муқаррар кардааст.



Нофаҳмие, ки ҳоло миёни ҷомеа дар масъалаи сабти асноди шаҳрвандӣ вуҷуд дорад, супоридани боҷи давлатӣ ва ҳаққи хизматрасонӣ мебошад. Қонунгузорӣ гирифтани бланки шаҳодатномаи таваллуди кӯдакро дар муддати то 3 моҳ баъд аз таваллуд ройгон муайян кардааст, вале аксарият гумон мекунанд, ки дар тамоми давраи ҳаёт гирифтани он чунин бошад. Муовини сардори Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ифтихор Самадзода гуфт, ки дар самти сабти асноди шаҳрвандӣ 7 навъи сабт-таваллуд, бақайдгирии ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, сабти вафот, фарзандхондӣ, муқаррар намудани падарӣ ва иваз намудани насаб, ном ва номи падар мавҷуд аст. Дар баробари ин, амалиёти дигар, ба мисли додани шаҳодатномаи такрорӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ғайра вуҷуд дорад. Номбурда зикр кард, ки ҳама навъи бақайдгирии асноди шаҳрвандӣ пардохти гуногун дошта, танҳо бланки шаҳодатномаи таваллуди кӯдак, агар он дар давоми то се моҳи баъд аз таваллуд муроҷиат шуда бошад, ройгон аст.

Ҳамсуҳбатам иттилоъ дод, ки дар баробари пардохтҳои гуногуни хизматрасонӣ, ҳамчунин, иҷрои баъзе аз корҳо боҷи давлатӣ доранд. Масалан, ҳуҷҷатгузории никоҳе, ки як тарафи он шаҳрванди хориҷӣ бошад, бекор кардани ақди никоҳ, иваз кардани ному насаб, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва шаҳодатномаи такрорӣ бо супоридани боҷи давлатӣ амалӣ мешавад.

- Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», ҳангоми гирифтани шаҳодатномаи такрорӣ як нишондиҳанда барои ҳисобҳо боҷи давлатӣ супоридан лозим меояд. Илова бар ин, 20 дарсади як нишондиҳанда барои ҳисобҳо пули бланк ва ҳаққи хизматрасонӣ супорида мешавад. Агар зарурати кофтуков ба миён ояд, барои ин кор 16 сомонии дигар пардохт карда мешавад, - зикр кард Ифтихор Самадзода.

Мувофиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022», аз 1 январи соли 2022 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 64 (шасту чор) сомонӣ муқаррар шудааст.

Арзиши як бланки ҳисоботи қатъии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ 20 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шуда, маблағи он ба суратҳисоби махсуси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол мешавад.

Дар сурати расонидани хизматрасонӣ метавонад маблағи хизматрасонӣ барои чопи компютерӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳои САҲШ ва дигар ҳуҷҷатҳо илова шавад.

Андозаи пардохти хизматрасониҳои иловагии музднок ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони ваколатдор (аз рӯи ҳар як навъи сабт) бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015 тасдиқ шудааст. Мувофиқи қарори мазкур, ҳангоми бақайдгирии давлатии таваллуд барои бланки тозаи намунаи аризаҳои бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ 5 дарсади нишондиҳанда барои ҳисобҳо (3 сомонию 20 дирам) ва барои хонапурӣ намудани аризаи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ 5 дарсади нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт мешавад, ки 6 сомониву 40 дирамро ташкил медиҳад.

Ҳангоми бақайдгирии таваллуди кӯдаки яксола ё аз он калонтар дар баробари супоридани маблағи бланки тозаи намунаи аризаҳои бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва хонапурӣ намудани аризаи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, 25 дарсади як нишондиҳанда барои ҳисобҳо (16 сомонӣ) илова мешавад. Агар синни кӯдак аз 16 гузашта бошаду зарурати кофтукови ҳуҷҷатҳо дар асоси китобҳои бойгонӣ ба миён ояд, боз 25 дарсади як нишондиҳанда барои ҳисобҳо илова мегардад.

Ҳамин тариқ, мувофиқи меъёрҳои қабулгардида, аз 1 сомонию 60 дирам то 262 сомонию 40 дирам супоридан лозим меояд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
«Садои мардум»**

## МАРҲИЛАИ НАВИ РУШДИ ХОРУҒ ОҒОЗ ГАРДИД

**«Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Хоруғ барои солҳои 2020-2025» марҳилаи нави амалӣ гардидани сиёсати минтақавӣ буда, ба фароҳам овардани шароити устувори рушди маҳал, тезонидани суръати болоравии иқтисодиёт ва дар ин замина ташкил намудани ҷойҳои нави кор ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон равона гардидааст.**

Тавре раиси шаҳри Хоруғ Ризо Назарзода иброз намуд, тибқи барнома, дар панҷ сол 45 лоиҳа бо харҷи 1 млрд. 51 млн. 400 ҳазор сомонӣ дар маркази вилоят амалӣ мешаванд. Лозим ба ёдоварист, ки солҳои 2020-2021 ва панҷ моҳи аввали соли равон аз ҳама сарчашмаи маблағгузорӣ барои бунёд, барқарорсозӣ ва таҷдиди иншооти гуногун 206 ҳазору 944,4 сомонӣ равона гардид.

- Дар ин давра аз 45 лоиҳаи пешбинишуда нисфашон амалӣ гардиданд. Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати мамлакат, ки чанде пеш дар мулоқот бо фаъолони вилояти Хатлон дода шуданд, марҳилаи нави рушди шаҳри Хоруғ шурӯъ мегардад, - афзуд номбурда.

Дар ояндаи наздик бо супориши Сарвари давлат таъмиру навсозии пулу роҳҳои асосии маркази вилоят, бунёди корхонаву паркҳои инноватсионӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави кор барои сокинони маҳаллӣ иваз намудани нақлиёти мусофиркаш ба нақлиёти муосир ва чароғонкунии маҳаллаҳо дар назар аст.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**




# 126 НАФАР БА БРИТАНИЯИ КАБИР САФАРБАР ШУДАНД



**Дар нимаи аввали соли равон дар муассисаҳои таълими касбии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ, инчунин дигар муассисаҳои таълимии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта 36 ҳазору 641 нафар ба курсҳои кӯтоҳмуддат ҷалб гардиданд.**

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширин Амонзода 26 июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ ёдовар шуд, ки дар доираи «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2022» дар муассисаҳои таълими касбии калонсолон 11 ҳазору 365 нафар, ба роҳи худмаблағгузорӣ 5595 нафар ба касбомӯзӣ ҷалб гардида, малакаи касбии 5144 нафар шаҳрванд бо шаҳодатномаҳо тасдиқ шуд. Шаҳодатномаҳои хатми муассисаҳои таълими касбии калонсолон дар мамолики хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Қазоқистон ва кишварҳои аврупоӣ низ эътибор доранд.

- Тайи шаш моҳи аввали соли равон 322 ҳазору 68 шаҳрванди мамлакат ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд. Қариб 90 дарсади онҳо Федератсияи Россия, 5 дарсад Қазоқистон ва боқимонда дигар кишварҳоро интихоб карданд, - гуфт Ширин Амонзода.

Тибқи супориши Ҳукумати мамлакат ва ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, байни Муассисаи давлатии «Маркази машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ» ва ширкати «Pro Force»- и Британияи Кабир бо мақсади интиқоли шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кори мавсимӣ дар гармхонаҳои Британияи Кабир шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расид. То ба ҳол 126 нафар ба он кишвар сафарбар гардида, 200 нафари дигар интизори гирифтани раводид мебошанд.

Дар нишаст зикр гардид, ки музди миёнаи меҳнат то 1 июни соли равон 1647,3 сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 154,8 сомонӣ (10,4 дарсад) зиёд аст.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ДАР ҶУМҲУРӢ 4058 ИТТИҲОДИЯИ ДИНӢ БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУДААСТ



**- Аз ҷониби Раёсати таҳлил ва ташхиси диншиносии Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 дар асоси 247 дархост 1359 номгӯи адабиёти динӣ ва 11 ҳазору 41 варақа, инчунин 214 адад фита, 25 телефони мобилӣ, 3 флешкорт, ноутбук ва протсессори дорои 11 ҳазору 341 сабти видеоӣ ва аудиоӣ мавриди таҳлил ва ташхиси давлатии диншиносӣ қарор дода шуд, - гуфт раиси кумитаи зикршуда Сулаймон Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 25 июли соли ҷорӣ баргузор гардид.**

Бино ба қавли ӯ, аз шумораи умумии ҳуҷҷатҳои ташхисшуда ба 152 дархост, 98 номгӯи адабиёти динӣ, 1746 варақа, 127 фита, 11 телефони мобилӣ ва флешкорт хулосаи манфӣ дода шуд. Инчунин, ба 95 дархост, 1261 номгӯи адабиёти динӣ, 9696 варақа, 88 фита, 14 телефони мобилӣ, 3 флешкорт ноутбук ва протсессор хулосаи мусбат пешниҳод гардид.

Тайи шаш моҳи фаъолият аз ҷониби иттиҳодияҳои динии мамлакат ба ятимону маъюбон, шахсони бепарастор ва оилаҳои камбизоат ба маблағи 898 ҳазору 369 сомонӣ кумаки моддӣ расонида шудааст.

Сулаймон Давлатзода иттилоъ дод, ки дар кишвар 49 масҷиди ҷомеи марказӣ, 327 масҷиди ҷомеъ, 3612 масҷиди панҷвақта, 66 ташкилоти динии ғайриисломӣ, як маркази исломӣ, се ҷамоатхона ва дар маҷмӯъ 4058 иттиҳодияи динӣ дар Феҳристи давлатии иттиҳодияҳои динии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

# ПОСУХҲОИ ҚАНОАТБАХШ БА ОМОДАГИИ ҶИДДӢ РАБТ ДОРАД

**Ҳифзи бозори истеъмолӣ, такмили малакаи кормандон, фаъолияти озмоишгоҳҳо, сатҳу сифати корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тақдири минбаъдаи маҳсулоти ғайристандартии ошкоршуда аз мавзӯъҳои меҳварии нишасти матбуотии Агентии «Тоҷикстандарт» буд.**



Дар он, ки 21 июли соли 2022 баргузор гардид, директори агентӣ Темурҷон Абдулваҳҳобзода якҷо бо зердастон ба саволҳои журналистон посухҳои муфассал доданд.

Бо истинод ба факту рақамҳои пешниҳодгардида метавон гуфт, ки дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ фаъолияти кормандони агентӣ арзандаи ситоиш аст.

Ба иттилои директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо Темурҷон Абдулваҳҳобзода, тайи шаш моҳи аввали соли равон дар озмоишгоҳҳои ташхисии маҳсулоти ғизоии агентӣ аз рӯи сифату бехатарӣ ва тамғагузорӣ 4645 кило маҳсулоти гӯштӣ, 5621 кило равған, 3797 литр нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ, 1316 кило маҳсулоти қаннодӣ, 300 кило маҳсулоти ширӣ, 16 ҳазору 984 кило иловагиҳои ғизоӣ, 700 кило қанду набот, асал, 11 ҳазору 960 кило намак, 500 ҳазору 850 кило ғалладонагӣ, 400 кило консерва, 3 ҳазору 211 кило меваи хушк, 142 ҳазору 88 дона тухм ва дигар маҳсулоти ғайристандартӣ эътироф гардида, мутобиқи тартиби муқарраргардида нисбат ба субъектҳои хоҷагидор чораҳои маъмурӣ андешида шуданд.

Инчунин, дар натиҷаи гузаронидани назорати давлатӣ 619 ҳазору 386 кило маҳсулоти гуногуни ба талабот ҷавобгӯнабуда (аз ҷиҳати бехатарӣ ва аз рӯи тамғагузорӣ дар борҷома) ба қайд гирифта шуд. Дар ин давра маҳсулоти ғайрихӯроквории гуногун, аз қабили маводи шустушӯӣ, тамоку, масолеҳи сохтмонӣ, фурӯзонакҳои тафсону каммасраф, антифриз, маводи парфюмерӣ, тамғакоғаз, селитра ва бозичаҳо бо сабаби ҷавобгӯ набудан ба талаботи меъёрӣ аз муомилот гирифта, барои нобудсозӣ ё коркарди дубора пешниҳод гардиданд.

Дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, таъмини риояи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ дар раванди гузаронидани назорати давлатӣ дар субъектҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ аз тарафи мутахассисони агентӣ барои риоя накардани талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ, вориду фурӯши маҳсулоти пастсифат ва хатарнок, риоя накардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар 2 ҳазору 550 ҳолат ба маблағи беш аз 624 ҳазор сомонӣ ҷарима таъин ва ба буҷети давлат пардохт шуд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ КОҲИШ ЁФТААСТ

**Ин маълумот 20 июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ оид ба фаъолияти шашмоҳаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиии ноҳияи Фирдавсӣ баён гардид.**



Зикр шуд, ки ҳоло дар ноҳия 138 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда, нимсолаи аввали соли равон онҳо ба маблағи 99 млн. 400 ҳазор сомонӣ фоида ба даст оварданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 2,6 фоиз ё ин ки ба маблағи 2 млн. 500 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

- Корхонаҳои саноатии ноҳия дар шаш моҳи аввали соли 2022 ба маблағи 466 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 5,6 фоиз ё ба маблағи 6 млн. 400 ҳазор сомонӣ кам аст, - иброз намуд раиси ноҳияи Фирдавсӣ Фатҳиддин Усмонзода.

Ҳамчунин, гуфта шуд, ки дар ин давра воридоти мол ба 15 млн. 500 ҳазор доллар баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 2 млн. 400 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

# 168 МИЛЛИОНУ 280 ҲАЗОР СОМОНӢ ҲАҚҚИ ОБРАСОНӢ ПАРДОХТ НАШУДААСТ

**- Айни замон дар ҷумҳурӣ 359 ассоциатсияи истифодабарандагони об фаъолият менамоянд, ки 404, 3 ҳазор гектар ё ин ки 53 дарсади заминҳои обёришавандаи ҷумҳуриро бо об таъмин мекунанд. Бо мақсади бо оби полезӣ таъмин намудани обистифодабарандагон дар мавсими ҷорӣ аз ҷониби идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо бо 62 ҳазору 540 истифодабарандаи об шартнома ба имзо расид. Ба ҳисоби миёна ба як гектар замин дар ҷумҳурӣ 3,7 ҳазор метри мукааб об расонида шудааст. Аз ҷониби истифодабарандагони об дар ин давра ҳаққи хизмати обрасонӣ ба маблағи 28 миллиону 500 ҳазор сомонӣ пардохт шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиону 580 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, - гуфт директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Холмурод Раҳмон дар нишасти матбуотӣ 25 июли соли 2022.**

Номбурда зикр кард, ки то 1 июли соли ҷорӣ дар асоси дархости истифодабарандагон ба онҳо дар ҳаҷми 2 миллиарду 73 миллиону 100 ҳазор метри мукааб об расонида шуд, ки арзиши он 39 миллиону 690 ҳазор сомониро ташкил дод.



Бо вуҷуди он ки идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ ӯҳдадориҳои шартномавиро дар назди истифодабарандагон иҷро карда бошанд ҳам, вале обистифодабарандагон, хусусан хоҷагиҳои кишоварзӣ, ҳаққи обрасониро сари вақт пардохт намекунанд. Бинобар ин, қарздорӣ аз ин ҳисоб афзуда, 168 миллиону 280 ҳазор сомониро ташкил менамояд. Бо мақсади рӯёнидани маблағи қарз ба Суди Олии иқтисодӣ ва мақомоти прокуратура аризаҳои даъвоӣ пешниҳод гардида, 9 миллион сомонӣ рӯёнида шуд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ бо истифодаи 7,7 миллион кВт/соат неруи барқ дар як шабонарӯз 419 дастгоҳи обкашӣ ва 59 чоҳи амудӣ фаъолият доранд.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

# ДАРОМАДИ БУҶЕТ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ 110 ФОИЗ ИҶРО ШУД

**- Бо мақсади эълон гардидани солҳои 2022 – 2026 «Солҳои рушди саноат» аз тарафи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб як қатор корҳо ба сомон расонида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ин давра ба 142 миллиону 200 ҳазор сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 30 миллиону 600 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, - гуфт раиси шаҳри Кӯлоб Бахтиёр Назарзода 22 июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ оид ба фаъолияти шашмоҳаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр.**



Ҳамчунин, дар назар аст, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳр 40 корхонаи саноатӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Зикр гардид ки дар ин давра 35 адад бинову иншоот мавриди истифода қарор дода шуда, дар 150 бинову иншоот, аз ҷумла 25 иншооти истеҳсолӣ, ҳафт бинои истиқоматӣ, 10 муассисаи таълимӣ, ду муассисаи тиббӣ, шаш бинои варзишӣ, панҷ нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, 27 иншооти хизматрасонӣ ва 23 нуқтаи савдо, корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Дар шаш моҳи аввали соли равон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 209 миллиону 500 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8 миллиону 200 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 104,1 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# 700 ГЕКТАР ЗАМИНИ БЕКОРХОБИДА БА ГАРДИШИ КИШОВАРЗӢ ВОРИД МЕШАВАД

**- Дар шаш моҳи аввали соли равон нақшаи қисми даромади буҷет дар ноҳияи Фархор 103,6 фоиз таъмин гардида, ба ҷои 21 миллиону 284 ҳазор сомонӣ 22 миллиону 57 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақша 772 ҳазору 900 сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин бора раиси ноҳияи Фархор Зариф Назирӣ 25 июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Айни замон дар ноҳияи Фархор 7372 субъекти андозсупоранда ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 1225 нафар шахси ҳуқуқӣ, 4825 хоҷагии деҳқонӣ, 1014 соҳибкори инфиродии бо патент фаъолияткунанда ва 308 соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунанда мебошанд.

Зикр шуд, ки кишоварзони ноҳия дар ин давра - истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ба беш аз 460 ҳазор сомонӣ расониданд, ки 108,4 фоизи нақшаро ташкил дод. Аз он қаноатмандӣ шуд, ки кишоварзони ноҳия дар 12 ҳазору 964 гектар ғалладонагӣ кишт карданд.

Нақшаи кишти такрорӣ 9036 гектарро ташкил дода, то ба ҳол 8591 гектар кишт шуд.

- Масъулин ният доранд, ки то охири соли 2022 беш аз 700 гектар замини бекорхобидаро ба гардиши кишоварзӣ ворид намоянд, - гуфт Зариф Назирӣ.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# ДАР НОҲИЯИ ВОСЕЪ 2860 ТОННА МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ БА ХОРИҶИ КИШВАР СОДИРОТ ШУД

**- Дар нимсолаи аввали соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Восеъ ба 59 миллиону 626 ҳазор сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13 миллиону 497 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Айни замон дар ноҳия 37 корхонаи хурду бузурги саноатӣ мавҷуд буда, корхонаҳои пахтатозакунӣ аслан мавсимӣ фаъолият мекунанд. Дар корхонаҳо 552 нафар аз сокинони маҳаллӣ бо ҷои кор таъминанд, - гуфт раиси ноҳияи Восеъ Ҷамшед Шарифзода зимни нишасти матбуотӣ 22 июли соли 2022.**



Ӯ, ҳамчунин, зикр кард, ки дар шаш моҳи сипаришуда ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шакли хоҷагидорӣ ба 369 миллиону 662 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 60 миллиону 82 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Кишоварзони ноҳия дар ин давра ба хориҷи кишвар 2 ҳазору 860 тонна маҳсулот содирот намуданд.

Ҳоло дар ҳама бахши хоҷагидории ноҳияи Восеъ 48 ҳазору 285 сар чорвои калони шохдор, 106 ҳазору 246 сар бузу гӯсфанд, 70 ҳазору 477 сар паранда, 1943 сар асп ва 2602 оилаи занбӯри асал мавҷуданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# НАВАД ФОИЗИ ХАТМКУНАНДАГОН БО ҶОИ КОР ТАЪМИН МЕШАВАНД

**Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон яке аз падидаҳои даврони соҳибистиқлолӣ буда, соли 2013 таъсис ёфтааст.**

- Мо айни ҳол омодагиро барои таҷлили даҳсолагии муассисаи таълимӣ оғоз кардем. Нақшаи чорабиниҳо тарҳрезӣ гардид, ки мувофиқи он ташкили намоиши маҳсули эҷоди донишҷӯёну устодон, баргузории конфронсу дигар ҷамъомадҳо, таҳия ва нашри китобҳо ва ғайраро дар бар мегирад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ (22 июли соли 2022) ректори донишкада Ҷамшед Ғанизода ва сипас дар бораи фаъолияти донишкада дар нимсолаи якуми соли 2022 ба намояндагони воситаҳои ахбори омма маълумоти муфассал дод.

Ӯ зимни баёни комёбиҳои дар ин давра бадастомада, аз ҷумла, зикр кард, ки 12 нафар донишҷӯ духтарони ихтисоси дизайни костюм ва газвори донишкада дар озмуни байналмилалии «Ҳафтаи мӯди Тоҷикистон», ки 10-12 май дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, фаъолона ширкат карданд. Аз миёни онҳо се нафар ҷойҳои намоёнро (як нафар ҷои аввал ва ду нафар барои идеяҳои беҳтарин) ишғол намуданд. Инчунин, дар



ҷамъбасти даври ноҳиявии озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» се дастпарвари донишкада Маҳваш Садриддинова, Мунисаи Нуриддин ва Ромиш Насимбоев сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм шуда, ба даври шаҳрии озмунҳо роҳхат гирифтанд.

Ректори донишкада ба саволи хабарнигори рӯзнома роҷеъ ба тақдири минбаъдаи хатмкунандагон ҷавоб дода, таъкид кард, ки навад фоизи онҳое, ки буҷетӣ таҳсил карданд, аз ҷониби вазоратҳои фарҳанг ва маориф ва илми ҷумҳурӣ бо ҷои кор таъмин хоҳанд гашт.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# БАРРАСИИ 1803 ПАРВАНДА АЗ ҶОНИБИ СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ



**Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Мирзозода 25 июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки тайи шаш моҳи аввали соли 2022 дар судҳои иқтисодии ҷумҳурӣ 1803 парвандаи иқтисодӣ баррасӣ гардид, ки доир ба 857-тои он ҳалномаи судӣ бароварда шуд. Инчунин, 73 парвандаро аз истеҳсолот гирифта, 72 ариза бе баррасӣ мононда, қабули 7 ариза рад ва 474 ариза, бинобар мутобиқ набудан ба талаботи қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ баргардонида шуд. Дар суди марҳилаи кассатсионӣ бошад, 166 парванда ва суди марҳилаи назоратӣ 153 парванда мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

- Шумораи парвандаҳои баррасишуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 278 адад кам мебошад. Доир ба 7 парванда вайронкунии мӯҳлат ба амал омада, 18 санад дар марҳилаи кассатсионӣ ва 9 санад ба тариқи назоратӣ бекор карда шудааст. Инчунин, дар ин давра ба маблағи 380 миллиону 218 ҳазору 730 сомонӣ даъво қонеъ ва тибқи санадҳои судӣ ба фоидаи давлат 7 миллиону 567 ҳазору 727 сомонӣ боҷ рӯёнида шуд, - афзуд раиси Суди Олии иқтисодии мамлакат.

Зикр шуд, ки судҳои иқтисодӣ дар мурофиаҳои сайёри судӣ 177 парвандаро баррасӣ намуда, доир ба иҷрои онҳо 196 таъиноти хусусӣ бароварданд.

Вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ ба судҳои иқтисодӣ 20 супориши судӣ ворид гардида, тибқи тартиб мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Ғайр аз ин, ба судҳои иқтисодӣ 5 дархост дар бораи эътироф кардан ва ба иҷро расонидани ҳалномаи судҳои хориҷӣ ва арбитражи хориҷӣ (арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва судҳои ҳакамӣ) ворид шуда, онҳо низ дар мӯҳлати муайян баррасӣ гардиданд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# ОЗМУНИ «ҶОМИ РАЁСАТИ ДБССТ» ТО СОЛИ 2040 ПАЙВАСТА ДОИР МЕГАРДАД

**Аз суханронии ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Асрорзода Убайдулло Саттор зимни нишасти матбуотӣ, ки 21 июли соли 2022 баргузор шуд, маълум гардид, ки** вобаста ба эҳтиёҷоти иқтисоди миллӣ ва талаботи бозори меҳнат дар доираи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат дар донишгоҳ аз рӯи ихтисосҳои нав, аз қабили ихтисосҳои соҳаи омӯзгорӣ, соҳаи саноат, иқтисодиёти рақамӣ, технологияи зеҳнии компютерӣ, бизнес-равандҳо, маркетинг дар тиҷорати электронӣ, кибернетикаи иқтисодӣ, хадамоти консулӣ, полиси сайёҳӣ, тибби сайёҳӣ, сайёҳии осоишгоҳӣ-табобатӣ иҷозатнома гирифта, ҷамъи ихтисосҳо дар донишгоҳ аз 56 ба 77 номгӯй расонида шуд.

- Ҳадафи асосии ҷорӣ намудани ихтисосҳои нав дар филиалҳо ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнати минтақаҳои мамлакат ва бунёди шароит ҷиҳати фаро гирифтани довталабон ба таҳсил дар макони истиқомат мебошад.



Бо мақсади амалисозии нақшаи чорабиниҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дуюмин озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро барои дарёфти «Ҷоми раёсати ДБССТ» баргузор намудем, ки дар он аз 35 муассисаи таълимӣ 186 донишҷӯ иштирок намуд. Дар ҷамъбасти он 6 нафар соҳиби ҷои якум, 12 нафар соҳиби ҷои дуюм, 34 нафар соҳиби ҷои сеюм ва 28 нафар соҳиби ҷои ифтихорӣ гардиданд.

- Бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ озмуни мазкур пайваста то соли 2040 доир карда мешавад, - изҳор дошт ректори ДБССТ Асрорзода Убайдулло Саттор.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

Номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# РИСОЛАТАШ БО МАСЪУЛИЯТ ТАВЪАМ АСТ



**Мушоҳидаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки аксарият оид ба рисолату ваколати вакили Маҷлиси намояндагон маълумоти кофӣ надошта, то кунун муътақиданд, ки вакил ба онҳо бояд роҳ созад, орду равған ва калӯш диҳад.**

Намедонанд, ки вакили парлумони касбӣ аз депутатҳои қаблӣ, ки дар баробари намояндаи мардум дар парламент будан, ҳамзамон роҳбарии шаҳру ноҳия ва вазорату идораҳоро ба зимма доштанд, аз замин то осмон фарқ мекунад.

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, рисолати вакили Маҷлиси намояндагон аз тариқи таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар онҳо иродаи мардум ифода ёфтааст, ирсоли дархости вакилӣ оид ба ҳалли мушкили интихобкунандагон ба сохторҳои марбута маҳсуб шуда, дар кадом сатҳу сифат иҷро шудани он ба донишу малака ва обрӯву нуфузи вакил рабт дорад.

Нафарони аз набзи ҷомеа ва рӯйдодҳои ҷаҳони муосир огоҳ хуб медонанд, ки фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ аз самтҳои афзалиятнок дар умури давлатдорӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд баъзе «коршиносон» мавҷудияти парлумони Тоҷикистонро атрибути давлатдорӣ, ки гӯё фаъолияти начандон муассир дорад, арзёбӣ менамоянд, аммо дар асл ин гуна набуду нест.

Аз фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ дар бораи ҳар як давлат, роҷеъ ба дараҷаи демокративу муосирӣ ва тамаддуннокии он баҳо дода мешавад. Хоса, дар шароити кунунӣ, ки бархӯрди манфиатҳо беш аз пеш шиддат ёфта истодааст, масоили ба тавсеаи фаъолияти қонунгузорӣ ва мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқӣ рабтдошта сатҳу сифати навро касб намудаанд.

Тааҷҷубовар аст, ки баъзе ба ном коршиносон парлумонҳои пурмоҷарои дигар кишварҳоро намунаи ибрат нишон медиҳанд. Парлумонҳои пурхархашаеро, ки ба «шарофаташон» кишварҳои воҳид ва аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ба давлатҳои пароканда табдил ёфтанду иқтисодиёташон фурӯ пошид. Қисме аз ҳудуди чунин давлатҳоро давлати дигар бидуни парронидани тире ба қаламраваш «ҳамроҳ» намуду дар манотиқи дигар задухӯрд идома дорад.

Бегуфтугӯ, аз замони таъсис парламенти мамлакат баҳри таҳкими асосҳои давлатдорӣ, таъмини волоияти қонун, густариши муносиботи гуногунҷанба бо созмон ва иттиҳодияҳои байнипарламентӣ фаъолияти шоиста дорад. Муҳим он аст, ки зимни баррасии масъалаҳои ба парламент воридгардида, тамоми махсусияти фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ ба назар гирифта мешавад.

Чун иттилоъ гирифтам, ки Конференсияи якҷояи кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Синои шаҳри Душанбе ректори ДДТТ, доктори илмҳои иқтисод Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳматро номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии якмандатаи Фирдавсӣ рақами 1 пешниҳод намудааст, бори дигар муътақид гардидам, ки роҳбарияти ҳизб гавҳаршиносанд.

Шарҳи ҳоли Маҳмадалӣ Қурбонзода далели бебаҳси он аст, ки номбурда шахсияти ба маънои томаш арзанда мебошад. 20-уми феврали соли 1985 таваллуд шуда, соли 2007 факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишшоҳ Шоҳтемурро бо дипломи аъло ва соли 2022 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2007 ба сифати ходими хурди илмии Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оғоз намуда, то соли 2013 дар ҳамин пажӯҳишгоҳ дар вазифаҳои ходими хурди илмӣ, раиси Шӯрои олимони ҷавон, ходими калони илмӣ ва мудири шуъбаи омӯзиши муаммоҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои кӯҳистон кор кард.

Солҳои 2013-2014 дар вазифаи мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон адои вазифа намуд. Аз соли 2014 то моҳи феврали соли 2020 дар вазифаи директори Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе ва аз моҳи феврал то ноябри соли 2020 дар вазифаи директори Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе фаъолият дошт.

Моҳи ноябри соли 2020 ба вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин шудааст. Дар ин маснад ибтикори зиёдеро, ки ба таъмини некуаҳволии омӯзгорон ва донишҷӯён рабт дошт, амалӣ кард. Аз пардохти маблағи иҷораи хобгоҳ озод намудани онҳо ва ҳар сол ба осоишгоҳҳои маъруф сафарбар намудани зиёда аз 70 омӯзгори собиқадор аз ҳамон ҷумла аст.

Дар замони сарварии донишгоҳро ба зимма доштани Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат равобити байналмилалии ДДТТ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар низ беш аз пеш тавсеа ёфта, масъулини аксар ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва сафирони давлатҳои хориҷӣ аз он боздид намуданд.

Табиист, ки меҳнати пурмаҳсул ва садоқат ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ бе подош намемонад. Номбурда соли 2014 бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника, соли 2015 ба унвони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор гардидааст. Соли 2021 бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали «Хизмати шоиста» қадрдонӣ шуд.

Аз соли 2011 узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе даъвати шашум мебошад. Доктори илмҳои иқтисод, дотсент, муаллифи беш аз 50 асари илмӣ, аз ҷумла 4 китоби дарсӣ ва 3 монография, аст. Оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Аз мазмуну муҳтавои барномаи пешазинтихоботиаш метавон хулоса кард, ки он аз сиёсати ваҳдатофару созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маншаъ гирифтааст. Кӯшиш ба харҷ додааст, ки аҳдофи дар барнома инъикос ва муайяншуда воқеӣ, амалишаванда ва орӣ аз шиорпартоиҳои холӣ бошанд.

- Вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як шаҳрванди ватандӯсти кишвар, бахусус, аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, аст, ки баҳри ҳифзи давлату давлатдорӣ, таъмини амнияти кишвар, нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеа ва рушди иқтисодию иҷтимоии давлат фаъолу ҷонфидо бошанд ва онҳоро болотар аз ҳама арзишҳо гузорад,- андеша дорад Маҳмадалӣ Қурбонзода.

Қаҳрамони матлаб муътақид аст, ки барои амалӣ намудани тамоми ибтикоре, ки ба нафъи миллату меҳан нигаронида шудаанд, дар кишварамон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Бо дарназардошти ин, баҳри дастгирии ҳамаҷонибаи сиёсати хирадмандонаю сулҳҷӯёна ва созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон «Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум» азми қавӣ дорад.

Аз суҳбат бо қаҳрамони матлаб дарёфтам, ки саҳмгузорӣ ҷиҳати таъмини волоияти қонун, болоравии фарҳанги ҳуқуқӣ ва сатҳи маънавиёти шаҳрвандон низ мадди назар хоҳад буд.

Дар робита ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба эълон гардидани солҳои 2020 - 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» низ шахси мавриди назар нақшаҳои зиёд дорад. Аз ҷумла, масоили баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби аҳолӣ, соҳибкорон, саховатмандон ба таъмир ва навсозии муассисаҳои соҳаи маориф, ривоҷи фаъолияти китобдориву китобхонӣ, ҷалби табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва ташкили китобхонаҳои оммавию шахсӣ дар сархати фаъолияташ қарор хоҳанд дошт.

Азбаски қаҳрамони мо таҷрибаи ғании кор дар ин бахшҳоро дорад, мутмаинем, ки баҳри рушди соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг ва дастгирии ҷавонон низ ибтикори қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоишро амалӣ хоҳад кард.

Боварии комил дорем, ки дар сурати пирӯз шудан дар ин сабқат номбурда баҳри рушди низоми қонунгузории кишвар дар доираи талаботи мавҷуда, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ таҳия намудани қонунҳо, ҳимояи манфиатҳои табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, тақвият бахшидани мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм низ кӯшиш менамояд.

Дар маҷмӯъ, интихобкунандагони ҳавзаи интихоботии якмандатаи Фирдавсӣ рақами 1 дар симои Маҳмадалӣ Қурбонзода барои интихоби дурусту муносиби намояндаашон дар парлумон имконият доранд.

Мутмаинам, ки онҳо чунин имконро аз даст нахоҳанд дод.

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**

Дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ

# РУШДИ БЕСОБИҚАИ СИМО ВА ОИНАИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ




**«Ҳар касе, ки даҳ – понздаҳ соли охир ба Душанбе – пойтахти Тоҷикистон наомада бошаду дигаргуниҳои имрӯзаро бубинад, воқеан, ангушти ҳайрат мегазад. Душанбе ба куллӣ симояшро дигар кардааст. Даҳҳо иншооти азими пойтахт, ки дар чанд соли охир бунёд шудаанд, аз ояндаи дурахшон ва бардавом будани созандагӣ дар шаҳри Душанбе башорат медиҳад», - қайд шудааст дар оғози китоби «Иншооти даврони истиқлол». Ин китоби мусаввир маҳсули заҳмати чандинсолаи меъмори собиқадор Абдураҳмон Аҳмадов аст. Қобили зикр аст, ки номбурда дар бунёди садҳо иншооти маъмурию маишӣ, фарҳангию варзишӣ ва манзилҳои истиқоматии пойтахти мамлакат ва дигар шаҳру деҳоти кишвар саҳм гузоштааст.**

- Корҳое, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ, дар ҷумҳурӣ, махсусан дар шаҳри Душанбе, анҷом ёфтанд бесобиқа ва шоистаи таҳсин аст. Дар давоми даҳсолаи охир дар шаҳр садҳо бинои маъмурӣ, фарҳангӣ, маишӣ, хонаҳои зебои замонавӣ ва бисёрошёна қомат афрохта, симои пойтахти мамлакатро ба куллӣ дигар карданд. Бисёр иншооти бунёдшуда шаклу намои миллӣ доранд, ки ин ҳусни шаҳрро ба таври хоса афзудааст,- гуфт Абдураҳмон Аҳмадов.

Воқеан, бо ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ дар заминаи таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи роҳбарияти олии мамлакат соҳаи сохтмон босуръат рушд кард.Чунончи, дар шаҳри Душанбе баландтарин пояи Парчами миллӣ дар ҷаҳон (165 метр) қомат афрохта, дар китоби «Рекордҳои Гиннес» сабт гардид. Имрӯз марказҳои фарҳангию илмӣ, тиҷоратӣ, варзишӣ, ба монанди Маҷмааи Исмоили Сомонӣ, Майдони Парчами миллӣ, Қасри миллат, Вазорати корҳои хориҷӣ, Осорхонаи миллӣ, Кохи Наврӯз, Наврӯзгоҳ, Китобхонаи миллӣ, Театри опера ва балети ба номи устод Садриддин Айнӣ, боғҳои сабзу хуррами Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Садриддин Айнӣ, кӯли Душанбе, бозори Меҳргон, чандин театрҳо, Осорхонаи миллӣ, муосиртарин меҳмонхонаҳои сатҳи байналмилалӣ ба ҳусни Душанбеи зебо ҳусни тоза зам намудааст.

Дар китоби «Иншооти даврони истиқлол» намунаи иншооти дар пойтахт тайи солҳои соҳибистиқлолӣ бунёдшуда шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Хусусияти фарқкунандаи китоб низ дар ҳамин аст, ки ба тамоми иншооти бунёдшуда аз нигоҳи мутахассис баҳогузорӣ ва роҷеъ ба муаллифони лоиҳа, ширкатҳои сохтмонӣ, масъулону роҳбарон, таърихи бунёди иншоот маълумот дода шудааст. Бо акси иншоот мураттаб гардидани китоб моҳияти онро фузун кардааст. Он ҳамчун маводи бойгонӣ низ ба олимону мутахассисон, муҳаққиқон, муҳандисон, устодону донишҷӯён хизмат мекунад. Китоби мазкур бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ва бо ороишоти ранга нашр гардидааст.

- Дар давоми 31 соли истиқлолият дар кишвар тамоми ҷанбаҳо, аз ҷумла соҳаи сохтмон ва меъморӣ, ба шарофати дастуру супориш ва дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таври бесобиқа рушд ёфт. Дар ҳама шаҳру навоҳӣ ва деҳоти дурдаст корҳои сохтмонию бунёдкорӣ доман паҳн намуд ва дар натиҷаи қомат афрохтани садҳо биноҳои хуштарҳу замонавӣ симои шаҳру деҳоти Тоҷикистон ба куллӣ дигаргун гашт. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони шаҳри Душанбе (15 феврали соли 2017) таъкид намуданд, ки «Пойтахт симо ва оинаи давлату миллат буда, рафъи камбудиву мушкилоти мавҷуда ва ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ кардани он вазифаи на фақат мақомоти шаҳр, балки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, ҳамаи хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандони Тоҷикистон аст». Ҳамин нукта барои мо - меъморон низ дастури фаъолият гардид ва банда баҳри омода кардани китоби мазкур иқдом кардам, - иброз намуд дар фарҷоми суҳбат Абдураҳмон Аҳмадов.

**Б. КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ. АЗ ТАРИҚИ ОН ҲИФЗИ ҶАНГАЛ ИМКОНПАЗИР АСТ

**Тибқи маълумоти барномаи рушди СММ, пас аз пошхӯрии Давлати Шӯравӣ наздик ба 70 дарсади ҷангалзорони Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд гардидааст. Яке аз сабабҳои асосӣ ин норасоии барқ ва сӯзишворӣ (ангишт ва газ) буридани дарахтон аст. Дар водии Зарафшон асосан дарахтони арча ва дар минтақаҳои ҷануби кишвар - ноҳияҳои Фархор ва Панҷу Данғара дарахтони пистаро буриданд. Сабаби дигари коҳиш ёфтани ҷангал муддати тӯлонӣ ҳамчун чарогоҳ дар ихтиёри хоҷагиҳои кишоварзӣ қарор доштани арчазор ва майдони зарангу чормағз, дӯлонаву настаран аст. Биноан, аллакай охири солҳои 90-уми асри гузашта аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон баҳри барқарор намудани ҷангал тадбирҳои дахлдор амалӣ мегарданд. Яке аз онҳо лоиҳаи «Барқарорсозии ҷангал ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ дар Тоҷикистон» аст, ки бо маблағгузории Хадамоти ҷангали Корея роҳандозӣ гашта буд. Пасон, «Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» қабул ва мавриди амал қарор гирифт. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз масъалаҳои мавҷуда ҳалли пурра пайдо накардаанд.**

Ҳатман суоле пайдо мегардад, ки чӣ тавр смартфон дар чаронидани чорво кумак мекунад? Ҳуқуқи истифодаи чарогоҳҳо дар Қирғизистон тавассути иттиҳодияҳои махсуси минтақавӣ, ки аз сарони деҳот ва чӯпонон иборат аст, дода мешавад. Масалан, Азиз Чирмашев ҳар сол барои чаронидани чорво дар баландкӯҳ иҷозатнома мегирад. Бо фаронасии тобистон ӯ чорвои аҳолии деҳоти «Арсланбоб» наздики 200 сар гӯсфанду буз, аспу говро ба он минтақа мебарад.

Барои муайян намудани ҷой ва вазъи чарогоҳҳо Муассисаи ғайридавлатии Осиёи Марказӣ - CAMP Alatoo барномаи смартфониеро мавриди омӯзиш ва санҷиш қарор додааст, ки ба воситаи он оид ба вазъи чарогоҳҳо дар минтақа маълумот гирифтан мумкин аст. Роҳбарони иттиҳодияҳои минтақавӣ, ки барои чарондани чорво иҷозатнома медиҳанд, дар бораи буттазорҳо, заминҳои холӣ, сабзазорон ва ҳатто сангҳои дар атроф мавҷудбуда маълумот ҷамъ намуда, дар барнома ҷой медиҳанд. Чунин маълумот имкон медиҳад, муайян шавад, ки дар ин ё он минтақа чорворо чанд муддат нигоҳ доштан мумкин ва пасон ба кадом сӯ рондан ба мақсад мувофиқ аст.

-Дар тӯли як ё ду соли мушоҳида вазъи чарогоҳҳоро дақиқ муайян ва пешгӯӣ кардан имконнопазир аст. Бо такя ба чунин маълумот иттиҳодияҳо метавонанд дигар чорворо ба чарогоҳҳое фиристанд, ки ҳанӯз хароб нагаштаанд, - гуфт ҳамоҳангсози лоиҳаҳои CAMP Alatoo оид ба истифодаи чарогоҳ ва ҷангалзор Жиргалбек Кожомбердиев. Мутахассисон ба хулоса омадаанд, ки дар шароити кунунӣ шинонидани навниҳолони дарахтони ба эрозияи замин устувор ба манфиати кор аст. Зеро чунин ниҳолҳо бевосита ба барқароршавии ҷангалзор мусоидат карда метавонанд.Аз ин рӯ, Вазорати кишоварзии Қирғизистон истеҳсоли тухми растаниҳоеро ба нақша гирифтааст, ки ба ҳадди кофӣ дар чарогоҳҳои «солим» дучор меоянд. Онҳоро дар замине, ки дар натиҷаи чаронидани аз ҳад зиёди чорво хароб гашта, танҳо растаниҳои барои истеъмоли чорво номувофиқ боқӣ мондаанд, коштан мумкин аст.

Амалӣ намудани чунин нақша имкон фароҳам меорад, ки чарогоҳҳо барқарор ва сабзазорони нав пайдо гардида, зарурат боқӣ намонад, ки чорворо барои дарёфти ғизо сӯи дарахтзор равон кунанд.

Тавре медонем, иқлими Ҷумҳурии Қирғизистон ба кишвари мо хеле монанд аст. Тибқи хабари «Deutsche Welle»- и Олмон, имрӯз дар ин кишвар роҳи хеле хуби мониторинги вазъи ҷангалзорону чарогоҳҳои атрофи онро пайдо намудаанд. Муаллифи мақола Павел Милников менависад, ки ба масъулини хоҷагии ҷангали ҷумҳурӣ дар ин самт таҷҳизоти рақамӣ - смартфонҳо кумак менамоянд. Истифодаи онҳо имкон фароҳам овардааст, ки чарогоҳҳо аз истифодаи зиёду нодуруст ва ҷангалзорҳо аз нобудшавӣ ҳифз шаванд. Масалан, чормағззори куҳани доманаҳои кӯҳҳои Помиру Олтой ҳазорҳо акр (1 акр=0,4 га) -ро ташкил медиҳад. Дар назди ин ҷангалзор чанд деҳаи хурду бузург ҷойгир аст, ки Арсланбоб ном мебаранд. Ҷамъоварии ҳосили чормағз дар минтақа асосан моҳи октябр сурат гирифта, чанд ҳафта идома меёбад. Ҳосили ғундоштаро ба бозорҳои вилояти Ҷалолободи Қирғизистон ва давлатҳои Туркия, Россия ва Эрон мебаранд. Вале вазъи кунунии чормағззор он қадар хуб нест. Дигаргуншавии иқлим, эрозияи хок ва аз меъёр зиёд чаронидани чорво таъсир расонидаанд. Чанд соли охир ҷиҳати нигоҳ доштани ин экосистемаи нодир аз сокинони деҳот даъват ба амал оварда мешавад, ки аз чормағззор ва чарогоҳҳои атрофи он оқилона истифода баранд.

Дар фасли тобистон деҳотиён чорворо дар чарогоҳҳои наздики деҳаҳояшон нигоҳбонӣ мекунанд. Дар фасли тобистон бошад, чӯпонҳо чорворо ба чарогоҳҳои сатҳи болотар аз ҷангалзор меронанд. Ин мавзеъҳо, мисли солҳои пеш, сабзазори зиёд надоранд. Бинобар ин, чӯпонҳо чорворо ба чарогоҳҳои ба деҳот наздиктари зимистонӣ мебаранд.

Чанд сол аст, ки дар ҷумҳурӣ низ дар самти барқарорсозии ҷангалзор ва чарогоҳҳо тадбирҳо амалӣ мегарданд. Соли гузашта аз ҷониби Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати ҷумҳурӣ барои барқарорсозии нabототи ҷангалҳои кишвар 11873 кг тухмии зиёда аз 18 навъи дарахту буттаҳо ҷамъоварӣ гардида, 2549,6 ҳазор бех ниҳол ва бутта ба фурӯш бароварда шуд. Ин ибтикор қобили дастгирист, вале истифодаи таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя ба ҳар чӣ зудтар барқарор намудани ҷангалзор мусоидат намояд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

Бонги изтироб

# ШИКОЯТИ МАРДУМ ВА БЕТАФОВУТИИ ШИРКАТҲОИ МОБИЛӢ

### ҚИССАИ СИМКОРТГИРӢ

Ҳафтаи гузашта 60 - солагии издивоҷи бобову бибиямро дар доираи оила қайд кардем.

Акаам, ки ду рӯз пеш аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба Ватан омада буд, аз даруни халтачаи селофанӣ ду қуттӣ баровард.

- Телефонҳои мобилӣ, туҳфаи ман дар 60-умин солгарди издивоҷатон, - гуфта, якеро ба дасти бобо ва дуюмиро ба дасти бибиям дод.

Барои гирифтани симкорт маро ба маркази ноҳия фиристоданд.

- Ба ман тарофае лозим аст, ки танҳо барои суҳбатҳои телефонӣ бошад, яъне бидуни трафики интернетӣ ва дигар хизматрасониҳои иловагӣ, ҳамин гуна тарофа доред?, - ин саволро аз чор ширкати мобилии кишвар пурсон шудам. Ҳамагӣ як ҷавоб доштанд:

- Не!

Бибиву бобоям бо шунидани нархномаҳои моҳона, хизматрасониҳои нолозиму маҷбурӣ, аз истифодаи телефон даст кашиданд.

### НАЗАРЕ БА ТАРОФАҲОИ ШИРКАТҲОИ МОБИЛӢ

Ширкати «Babilon-Mobile» ба муштариён панҷ тарофа пешниҳод мекунад ва муштарипулии моҳонаи онҳо аз 30 то 150 сомониро ташкил медиҳад. Аз ҳама тарофаи арзон дар ширкати мазкур «Робита 1» ном дорад ва бар ивази 30 сомонӣ имкон медиҳад, ки дар дохили шабака суҳбати бемаҳдуд дошта бошем, 100 SMS равон кунем ва дар фазои маҷозӣ 1 200 мегабайтро истифода барем.

Ширкати «Мегафон Тоҷикистон» ҳам тарофаҳояшро барои як моҳ аз 28 сомонию 80 дирам то 300 сомонӣ пешниҳод мекунад. Тарофаи «Биё! Онлайн» 28 сомонию 80 дирам аст ва дар таркибаш 1000 мегабайт дорад.

Ширкати «Tcell» ба муштариён се гурӯҳи тарофаро пешниҳод мекунад, ки ҳар кадом дар дохил вобаста ба имконият маблағи муайян доранд. Гурӯҳи аввали тарофаҳо «Дар + бо Шабакаҳои иҷтимоӣ» ном дошта, 7 тарофа бо маблағи аз 65 то 205 сомонӣ барои як моҳ пешниҳод кардааст. Гурӯҳи дуюм «Дар + бо Интернет бош» ном гирифта, 5 тарофа дорад ва муштарипулӣ барои як моҳ аз 35 то 205 сомониро ташкил медиҳад. Гурӯҳи сеюм «Дар + бо Белимит бош» аст, ки 7 тарофа дошта, муштарипулӣ барои як моҳ аз 59 то 899 сомониро ташкил медиҳад.

Ширкати Zet-Mobile 6 тарофа пешниҳод мекунад, ки аз инҳо 4 - тояш моҳона ва 2 - тояш барои як ҳафта пешбинӣ шудаанд. Тарофаҳои моҳона аз 70 то 200 сомонӣ ва тарофаҳои ҳафтаина аз 15 то 25 сомониро ташкил медиҳанд. Ин ширкат барои муштариён бо 200 сомонӣ 350 дақиқа барои суҳбат бо дигар шабакаҳои мобилӣ ва 10 000 мегабайт барои интернет медиҳад.

### РОҲНАМОИИ ПРЕЗИДЕНТ ВА ИНТИҚОДИ РАИСИ ШАҲР

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021, аз ҷумла, қайд карданд: «Танҳо давоми 10 соли охир барои истифодаи алоқаи ширкатҳои мобилӣ аз ҷониби аҳолии кишвар 30 миллиард сомонӣ хароҷот шудааст. Мо ба ширкатҳои мобилӣ, ки 90 фисадаш ширкатҳои хориҷист, ҳар сол сӣ миллиард сомонӣ маблағ медиҳему мегӯем, ки маблағ надорем. Мо бо ин маблағ, ки бо асъори хориҷӣ се миллиард доллар мешавад, метавонистем НБО «Роғун»-ро бунёд кунем».

Ҳамчунин, 12 январи соли 2022 Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни ҷаласаи ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Душанбе дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 дар баробари дигар мушкилоти пойтахт ба сифати хидматрасонии ширкатҳои мобилӣ низ дахл карда, чунин гуфт: «Хидматрасонии ин ширкатҳо (манзур ширкатҳои мобилӣ) ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва рӯнамоиашон аз сатҳу сифати фаъолияташон бештар мебошад».

Ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардани Раиси шаҳр гувоҳи он аст, ки мушкилоти сифати хизматрасонии ширкатҳои мобилӣ таъсири манфӣ ба афкори сокинони шаҳри Душанбе гузоштааст.

Интиқоди Рустами Эмомалӣ сокинони ҷумҳуриро водор сохт, ки аз мушкилот дар шабакаҳои иҷтимоӣ ошкоро ҳарф зананд. Замоне ки роҳбаре дар ин сатҳ дар фикри беҳбудии зиндагӣ ва беҳтар сохтани сатҳи хизматрасонӣ ба мардум аст, дилгармӣ ва садоқати мардум бештар мегардад.

### ФИРЕБИ НАВИ ШИРКАТҲО

Яке аз фиребҳои маъмул ва ба қавле роҳи осони пули муфт ёфтани ширкатҳои мобилӣ муштариёнро алорағми майлу ирода ба ин ё он хизматрасонӣ пайваст намудан аст.

Якеро бехабар ба бозии ба қавли худашон бурднок пайваст мекунанду дигареро ба забономӯзии «махсус», сеюмиро ба маҳфили ошиқона ҳамроҳ мекунанду ба ҷои «гудок»-и чорумӣ мусиқие мемонанд ва ин ҳама пулакӣ аст. Ҳар рӯз аз ҳисоби муштариён пул меситонанд.

Ва боз аҷоибии кор дар он аст, ки барои хомӯш кардани чунин хизматрасониҳо хеле саргардон шудан лозим меояд.

### РОҲИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛА

Ҳама он тарофаҳо ва хизматрасониҳое, ки ширкатҳои мобилӣ пешниҳод кардаанд, ба шароити мо созгор нестанд.

Ҳоло ширкатҳои мобилӣ ба муштариёнашон, ки шояд аз 10 то 100-сола бошанд, рӯирост мегӯянд, ки шумо маҷбур ҳастед аз интернет истифода баред.

Маҷбуран ба фазои маҷозӣ, ба дунёе, ки бархе умуман огаҳӣ надоранд, дохил мекунанд. Маҷбур мекунанд, ки барои пуламон барабас нарафтан трафики интернетии пешниҳодшударо истифода барем. Сохторҳои марбута, хусусан Хадамоти алоқа ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ бояд дар пайи ҳалли масъалаи мазкур гарданд. Бояд ширкатҳои мобилиро мувaззаф созанд, ки тарофаҳои дастрас барои мардум пешниҳод намоянд, то ки ҳар нафар мувофиқи табъу завқаш симкорт бихараду тарофа интихоб кунад. Дар акси ҳол фиреби ширкатҳои мобилӣ ва шикоятҳои мардум зиёд мегарданд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

Ҳамовозӣ

# МАРКАЗИ ИСТЕҲСОЛ, ФУРӮШ ВА ТАЪМИРИ АСБОБҲОИ МУСИҚӢ - ТАЛАБОТИ ЗАМОН

**Дар мақолаи корманди нашрияи «Садои мардум» Н. Низомӣ бо номи «Маркази истеҳсол, фурӯш ва таъмири асбобҳои мусиқӣ зарур аст» («Садои мардум», №68 аз 4 июни соли 2022) проблемаи бамиёнгузошта саривақтӣ аст. Ба чунин масъалагузории рӯзноманигор набояд бетарафу бетафовут буд. Ташкилоту муассисаҳои дахлдор, дастандаркорони соҳа бояд роҳи ҳалли масъаларо ҳар чӣ барвақттар ёбанд.**

«Қадри зар заргар бидонад, қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ». Пас аз хондани матлаби номбурда ба хулоса омадам, ки муаллиф ҳам ба мусиқӣ дилбастагӣ дорад, зеро мавзӯъро аз чанд паҳлу ҳаллу фасл кардан мехоҳад.

Банда бештар аз чил сол аст, ки бо суруду оҳанг, шеъру тарона сарукор дошта, солҳо дар ансамблҳои давлатии ҷумҳуриамон фаъолият намудаам. Аксар асбобҳои мусиқии торӣ, зарбӣ ва нафасиро навохта метавонам. Як идда асбобҳои миллии мусиқиро дар вақташ харидаам ва имрӯз аз навохтанашон ҳаловат мебарам. Медонам, ки соҳаи мусиқиро бидуни асбобҳои мусиқӣ пеш бурдан имконнопазир аст. То сохтану фурӯш ва дар мавриди зарурат таъмири онҳоро ба роҳ намонем, дар самти донистану ёд гирифтан, омӯхтани асбобҳои миллии мусиқӣ ҳатман душвориҳо пеш меоянд.

Дуруст аст, асбобҳои миллиеро, ки муаллиф дар мақола номбар кардааст, ба зудӣ пайдо карда наметавонем ё агар дастрас кунем ҳам, нархи онҳо хеле гарон аст. Чӣ бояд кард? Ҳалли онро дар мақола муаллиф дуруст баён кардааст. Танҳо ширкатҳои «Армуғон» ва «Созтарош» наметавонанд, ки хостаҳои мизоҷонро бароварда созанд. Воқеан ҳам, солҳои пеш ҳар як мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва умумии асосию ибтидоӣ маҳфилҳои худфаъолиятӣ доштанд ва аз ҳисоби хонандагони синфҳои болоӣ дастаи навозандагонро низ созмон медоданд. Ба ҳар ҳол, ин гурӯҳу дастаҳо ба таъкидҳои давомдори муаллимони фанни суруд ва мусиқӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз уҳдаи навохтани ин ё он навъи асбобҳои мусиқӣ мебаромаданд. Албатта, имрӯз низ чунин маҳфилҳои худфаъолиятӣ амал мекунанд, вале таваҷҷуҳ ба ёд гирифтан ва ёд додану навохтани асбобҳои мусиқӣ ба шогирдон хеле кам аст. Ҳамон тавре ки дар мақола таъкид шудааст, бо ҷурми нарасидани маблағ дар аксар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асбобҳои мусиқӣ намерасанд. Кор ба ҷое расидааст, ки иддае аз мутахассисони соҳа ба дарсҳои фанни суруд ва мусиқӣ ҳамчун фанни дуюмдараҷа муносибат мекунанд. Ин аст, ки на танҳо қисми зиёди шогирдони мактабҳо, балки омӯзгорони ин фан низ асбобҳои мусиқиро дуруст навохта наметавонад. Ҳол он ки онҳо бояд ба нота (адвор) низ шинос бошанду мувофиқи он ба бачаҳо суруд омӯзанд. Мутаассифона, гурӯҳи дигар ғайриихтисос буда, назокати лаҳну оҳангро дуруст дарк намекунанд.

Муаллиф бештар аз сохта нашудани асбобҳои мусиқӣ дар ҷумҳуриамон изҳори нигаронӣ намудааст, ки ин андеша воқеист: «Сохтани асбобҳои мусиқиро хуб ба роҳ мондан лозим аст. Он ҳам тиҷорати хуб аст, ҳам муаррифии фарҳанги миллат, бояд мағозаи махсуси калон дар маркази пойтахт сохта шавад. Чаро дар пойтахт мағозаи «Шикорчӣ» ҳасту «Созҳои мусиқӣ» не?» – нигоштааст Н. Низомӣ. Асбобҳои мусиқии зиёди миллӣ дорем, ки ҳамеша бо онҳо ифтихор дорем. Номгӯи онҳоро дар асарҳои адабиёти классикӣ, байтҳои ҷудогона дидан мумкин аст. Вале андешаи таъмири онҳоро ҳам бояд кард.

Устод Лоиқ барҳақ гуфтаанд:

**Ба дасти ҳар касе дасти рубоб аст,**
**Яқин донед, ки дар аҳди шубоб аст.**

Яъне, ҳар кӣ бо асбоби мусиқӣ сарукор дорад, аз ӯ бадӣ намеояд. Шоири дигаре фармудааст:

**Мусиқӣ нағмаҳост Довудӣ,**
**Ҳар он кӣ варо донист, Сулаймон аст.**
Ё худ:
**Садои доира, думбураву тор,**
**Ҳар он кас ки шунид, дилбеқарор аст.**

Хулоса, мо барои фароғати рӯҳ ба асбобҳои мусиқӣ ниёз дорем ва рафъи мушкилоти дар мақолаи мавриди назар зикршуда заруру ногузир аст.

**Мирҷумъа ҲУСАЙНОВ,**
**омӯзгори Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410622 | Муассисаи давлатии «Дармонгоҳи стоматологии шаҳрӣ» | Таъмии ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.08.2022 09:50:00 |
| 2 | 410598 | Муассисаи давлатии «Оромгоҳ»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 15.08.2022 15:11:11 |
| 3 | 410599 | Муассисаи давлатии «Равшании Душанбешаҳр» | Кабелҳо ва лавозимоти онҳо барои эҳтиёҷоти МД «Равшании Душанбешаҳр» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 15.08.2022 15:13:13 |
| 4 | 410601 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Молҳои канселярӣ, хоҷагӣ, барқӣ ва сантехникӣ, маводи масрафӣ, асбобҳои дастӣ, ноқилҳо, фреон ва диски дурушт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 85 | 15.08.2022 15:20:00 |
| 5 | 410602 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 108-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.08.2022 15:20:00 |
| 6 | 410604 | Маркази саломатии шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷории муассисаҳои Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Ҳисор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.08.2022 15:20:00 |
| 7 | 410603 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар шаҳри Душанбе | Бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 15.08.2022 15:21:21 |
| 8 | 410605 | Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | Маводи канселярӣ ва хоҷагидорӣ, гармкунаки барқӣ, қисмҳои эҳтиётӣ барои принтер ва ризограф, телефон ва дигар таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 15.08.2022 15:35:40 |
| 9 | 410606 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот барои ошхона ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 15.08.2022 15:40:00 |
| 10 | 410607 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Бензини навъи АИ-95 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 15.08.2022 15:40:40 |
| 11 | 410608 | Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон | Насби чароғаки роҳнамо дар маркази ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.08.2022 15:55:00 |
| 12 | 410609 | Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Хуросон | Сохтмони бинои Корхонаи давлатии «Кумитаи замин» ва Корхонаи фаръи давлатии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Хуросон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.08.2022 16:00:25 |
| 13 | 410611 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 15.08.2022 16:15:00 |
| 14 | 410617 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Айнӣ» | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 16.08.2022 08:10:00 |
| 15 | 410619 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 16.08.2022 08:50:00 |
| 16 | 410623 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои варзишӣ, техникаи маишӣ, таҷҳизоти техникӣ, ҷевон-картотека ва ҷевони тиббӣ ва молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 16.08.2022 09:50:23 |
| 17 | 410620 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 16.08.2022 10:00:00 |
| 18 | 410621 | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Моҳичаи оилаи Карп | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.08.2022 10:00:00 |
| 19 | 410612 | Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 16.08.2022 10:01:01 |
| 20 | 410618 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Курсӣ, таҷҳизоти идоравӣ ва кондитсионер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 16.08.2022 10:05:16 |
| 21 | 410614 | Муассисаи таҳсилоти умумии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 16.08.2022 10:06:06 |
| 22 | 410624 | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 16.08.2022 10:15:18 |
| 23 | 410626 | Муассисаи давлатии Маркази тиббии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебели идоравӣ, инвентари нарм, таҷҳизоти техникӣ ва техникаи маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 16.08.2022 10:30:10 |
| 24 | 410627 | Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории боми бинои агентӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.08.2022 11:00:00 |
| 25 | 410628 | Корхонаи воҳиди давлатии Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Кортҳои пардохтии пластикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.08.2022 11:30:00 |
| 26 | 410630 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Хизматрасонии нақлиётӣ барои 106 нафар хонандагон дар самти шаҳри Хуҷанд - Душанбе - Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 16.08.2022 13:45:00 |
| 27 | 410629 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои варзишӣ, техникаи маишӣ, таҷҳизоти техникӣ, медали мукофотӣ ва молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 16.08.2022 14:30:21 |
| 28 | 410631 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ барои 240 хонанда дар назди МТМУ №52-и шаҳри Конибодом (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.08.2022 15:00:00 |
| 29 | 410632 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии Қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: сохтани конструксияи металии осорхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.08.2022 15:00:00 |
| 30 | 410397 | Беморхонаи марказии ноҳияи Рӯшон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.08.2022 16:00:00 |
| 31 | 410615 | Беморхонаи ноҳиявии ҷамоати Поршинев | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.08.2022 16:00:00 |
| 32 | 410616 | Беморхонаи марказии ноҳияи Шуғнон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.08.2022 16:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪЛОН!

## ҶСП «КАФОЛАТБОНК» АМВОЛИ ЗЕРИНРО БА ФУРӮШ МЕБАРОРАД

| т/р | Суроғаи амвол | Навъи бино | Масоҳати бино ($м^2$) | Масоҳати қитъаи замин ($м^2$ ва га) | Маблағи арзиш (бо сомонӣ ва доллари ИМА) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | шаҳри Ҳисор, кӯчаи С. Раҷабов 6 | бино ва воситаҳои асосии Корхонаи истеҳсоли риштаҳои гуногуни ҶДММ «Файзи Истиқлол 2011» | 10137,6 $м^2$ | 20900 | 120 000 000 |
| 2 | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 22 «а» | бинои меҳмонхона | 997,1 $м^2$ | 2347 | 16 000 000 |
| 3 | шаҳри Душанбе,ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фучик 88 | бинои ҶСК «Ширкати сохтмонии Рӯдакӣ» | 454,4 $м^2$ | 1362,7 | 5 000 000 |
| 4 | ноҳияи Фархор, деҳаи Кокул | бинои ҶСК «Агрофермаи Кокул» | 162,36 $м^2$ | | 359 500 |
| 5 | ноҳияи Фархор, ҷамоати деҳоти Ватан, кӯчаи Сафармад | бинои хоҷагии деҳқонии «Шаҳртеппа» | 1276,0 $м^2$ | | 610 008 |
| 6 | ноҳияи Восеъ, хоҷагии А. Сино, маҳаллаи Пушиёни поён | манзили истиқоматӣ | 447,6 $м^2$ | 2424 | 141 088 |
| 7 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа | манзили истиқоматӣ | 156,0 $м^2$ | 1150 | 585 000 |
| 8 | шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино 4 | базаи истеҳсолӣ | 3155,7 | 27000 | 8 000 000 |
| 9 | шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лучоб, хонаи 71 | манзили истиқоматӣ | 213,4 $м^2$ | 1510 | 470 000 |
| 10 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Зайнабобод, деҳаи Садоқат | манзили истиқоматӣ | 488,2 $м^2$ | 1300 | 3 241 392 |
| 11 | шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Деҳлавӣ, хонаи 67/20 | манзили истиқоматӣ | 845,5 $м^2$ | 217 | 3 096 683 |
| 12 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон М-3, бинои 2, ҳуҷраи 16 | манзили истиқоматӣ | 76,1 $м^2$ | | 460 000 |
| 13 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 1, ҳуҷраи 3 | манзили истиқоматӣ | 206 $м^2$ | 790 | 1 200 000 |
| 14 | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Варзоб - қалъа, деҳаи Шафтимиҷгон | манзили истиқоматӣ | 293,1 $м^2$ | 400 | 900 000 |
| 15 | шаҳри Турсунзода, ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Бештеппа | манзили истиқоматӣ | 49,0 $м^2$ | 1200 | 240 000 |
| 16 | ноҳияи Кӯшониён, ҷамоати деҳоти Бӯстонқалъа, деҳаи Орзу | манзили истиқоматӣ | 818,0 $м^2$ | 1500 | 1 230 405 |
| 17 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Пирагов, бинои 17»а», ҳуҷраи 2 | манзили истиқоматӣ | 54,7 $м^2$ | 127,7 | 200 000 |
| 18 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Телман, бинои 13, утоқҳои 3 - 4 | манзили истиқоматӣ | 152,3 $м^2$ | 390 | 100 000 |
| 19 | шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Шукуфон, хонаи 17 | манзили истиқоматӣ | 108,1$м^2$ | 700 | 1 304 353 |
| 20 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Навобод, хонаи 53 | манзили истиқоматӣ | 423,0 $м^2$ | 1590 | 3 508 350 |
| 21 | шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Чайковский, хонаи 16 | манзили истиқоматӣ | 253, 3 $м^2$ | 375 | 577 000 |
| 22 | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Ҷангалак | манзили истиқоматӣ | 136,5 $м^2$ | 642 | 508 000 |
| 23 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод | манзили истиқоматӣ | 90,6 $м^2$ | 341,5 | 250 000 |
| 24 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Испечак | манзили истиқоматӣ | 256,1 $м^2$ | 0,16 га | 120 000 доллари ИМА |
| 25 | шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Ҷомӣ, бинои 8, утоқи 30 | манзили истиқоматӣ | 66,5 $м^2$ | | 400 000 |
| 26 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳи боло, бинои 190, утоқи 28 | манзили истиқоматӣ | 88,0 $м^2$ | | 700 000 |
| 27 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 44, утоқи 73 | манзили истиқоматӣ | 110,4 $м^2$ | | 900 000 |
| 28 | шаҳри Душанбе, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Муғулон | манзили истиқоматӣ | 470,4 $м^2$ | 1529,6 | 1 000 000 |
| 29 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, хонаи 54/7 | манзили истиқоматӣ | 405,7 $м^2$ | 119,3 | 1 000 000 |
| 30 | шаҳри Душанбе, аз 3/1 ҳиссаи тахти литери 2А1/ХП, кӯчаи Ломоносов, хонаи 54/7 | манзили истиқоматӣ | 268,6 $м^2$ | 525 | 600 000 |
| 31 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон-дара | мағоза | 216,9 $м^2$ | 2880 | 250 000 |
| 32 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон-дара | манзили истиқоматӣ | 712,9 $м^2$ | 0,14 га | 550 000 |
| 33 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зоя Космодемянская, хонаи 50/1 | манзили истиқоматӣ | 283,0$м^2$ | 332,1 | 500 000 |
| 34 | шаҳри Душанбе, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Навбаҳор | базаи истеҳсоли тухми кирмак | 614,6 $м^2$ | 0, 29 га | 600 000 |

# ЧАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарикони рушд - Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, Иттиҳоди Аврупо, Салиби Сурхи Олмон ва USAID дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити бухрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):**

Лоти 1: Таъмини маводи канселярӣ.

**Аз рӯи лоиҳаи «Амал дар асоси пешгӯӣ»:**

Лоти 2: Таъмини шамолдеҳак (вентилятор) бо системаи намнокгардонии ҳуҷра ва ҳаб барои тозакунии об;

**Аз рӯи лоиҳаи «ETICA\USAID»:**

Лоти 3: Таъмини молу маҳсулоти хӯрока аз рӯи дастуроти расмии шакли махсусдошта (талон).

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони рақами 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, ҳобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то ***8 августи соли 2022, соати 09.00*** бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

# ЭЪЛОН!

Саҳмдорони ҶСП «ТоҷикКон» оиди зиёд намудани сармояи Оинномаи ҷамъият 29 июли соли 2022 дар дафтари маркази ҷамъият бо суроғаи шаҳри Роғун, НБО «Роғун», майдончаи сохтмонии №1 маҷлиси умумӣ баргузор менамоянд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

**✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9) бо силсилаи Т-ШТА №0040003-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2004 ба Болтабоева Ӯғилой Одиловна додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 02433467-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Қурбонова Ҷамила Ҷалиловна додааст, эътибор надорад.**

**✓ Дипломи силсилаи ТС №0030822 таҳти қайди № 16928-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев ба Абдуллоева Лола Абдумаликовна додааст, эътибор надорад.**

**✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0040821 таҳти қайди 2162-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2016 бо суроғаи ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Маҳмадшои боло ба Халилов Ҳусенҷон Юсуфҷонович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 097356-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2 ба номи С. Айнӣ соли 1988 ба Нуриллоева Нисо Аинилобековна додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0051798 бо РЯМ 6010000517-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2010 ба «Бозори Зарафшон» додааст, эътибор надорад.**

**✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 063377-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №15 ба номи С. Иззатови шаҳри Ваҳдат соли 2019 ба Мирзоев Анвар Русланович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0230078384, РМА 025347104-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе соли 2016 ба Носиров Умед Бобомуродович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Патенти соҳибкории № 0417538 РЯМ 0430292693-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2019 ба Муродов Одилҷон Бобохонович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Варзоб соли 2021 ба Рабизода Машраби Холмаҳмад додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шиносномаи техникии № 20487-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1991 бо суроғаи кӯчаи Деҳотӣ, бинои 21/4, ҳуҷраи №23 ба Повшенко Светлана Сергеевна додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0254507 –и гумшуда, ки онро Гимназияи №53-и ба номи М. Маҳмудоваи шаҳри Душанбе соли 2016 ба Сафаров Юсуфҷон Низомович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шиносномаи шаҳрвандии № 80 05 254000-и гумшуда, ки онро Хадамоти федералии муҳоҷирати Россияи Ҷумҳурии Бошқирдистони шаҳри Ишимбай 18 январи соли 2005 ба Раджабов Сафарали Самадович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таҳти рақами Б 8027 бо дараҷаи Б 0443358-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Ҳисор 18 сентябри соли 2007 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Меҳнатобод ба Ниёзов Ҳошим додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 6719749-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2017 ба Азизова Бибигул Бегмуродовна додааст, эътибор надорад.**

**✓ Патенти соҳибкории № 0067101, РЯМ 0430138803-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2013 ба Ҳамроев Шамсуддин додааст, эътибор надорад.**

**✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0331201521, РМА 215133027-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2013 ба Зоиров Абдулло Наимович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таҳти рақами Б 2948 бо дараҷаи А 0133911-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Ҳисор 29 июли соли 2006 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора, деҳаи Суғдиён ба Назаров Ҷурабек додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи № 6Д – 419 аз соли 1999 (онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст) ва шиносномаи техникии № 24557-и гумшуда аз 24 ноябри соли 1998 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қарабоев, бинои 26 «а», ҳуҷраи 24, мутааллиқ ба Асоев Идибек Илхомудинович, эътибор надоранд.**

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

**✓ ҶДММ «Гушикай ЛТД», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо РЯМ 0210020544, РМА 020043964 буда, дар шаҳри Роғун воқеъ аст, фаъолияташро қатъ мекунад.**

**Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.**

Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

Конститутсия - кафолати рушди устувори давлатдорӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 28 июли соли 2022, соати 12:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха

Навбатдори шумора Б. Каримов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров